# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

**шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ба диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ**

1. Мавзуи таҳқиқотии Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» муҳим ва актуалӣ буда, таҳқиқоти илмии баанҷомрасида мебошад ва меҳнати ихтисосмандонаи унвонҷӯ ба ҳисоб меравад, ки он ҳалли муаммоҳои афзалиятноки илмию назариявӣ, ташкилию методии такмили механизми таҳия ва амалигардонии сиёсати иқтисодии минтақавиро дар бар гирифтааст.

Дар марҳилаи кунунӣ тақвияти имкониятҳои фискалӣ ва вусъатбахшии иқтидори андозӣ ҳамчун меҳвари асосии сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф гардидааст. Махсусан, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки амалисозии он аз соли 2016 инҷониб бонизом идома дорад, ҷиҳати ислоҳоти сохтори идоракунии давлатӣ ва таҳкими низоми молияи давлатӣ як силсила тадбирҳои мушаххас муайян шудаанд. Дар ҷараёни амалкарди механизми мазкур такмили равандҳои маъмурикунонии андоз бо мақсади афзун намудани воридоти пардохтҳо, таъмини шаффофияти амалиёт ва афзун намудани сатҳи пешгӯишавандагии низоми андозбандӣ, инчунин вусъатдиҳии иқтидори андозии минтақа оияндабинӣ гаштаанд. Таҳқиқоти илмӣ фарогири масъалаҳои коркарди заминаҳои ташкилию методологии вусъатбахшии иқтидори андозии минтақа, такмили низоми маъмурикунонии андоз ва пешгӯию ҳаддикунонии истифодаи иқтидори андоз дар рушди минтақа мебошад.

2. Мавзуъ ва мазмуни диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ, ки вобаста ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-13 мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №10/ шд ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқат менамояд, аз ҷумла банди 1. Инкишофи назарияҳои иқтисодиёти ҳудудӣ ва минтақавӣ; методҳо ва фишангҳои таҳқиқотҳои иқтисодии ҳудудӣ; проблемаҳои андозагирии иқтисодии минтақавӣ; эконометрикаи ҳудудӣ; ташхиси системавии муаммоҳо ва ҳолатҳои минтақавӣ; банди 11. Фишангҳои муътадилгардонии басташавии маконӣ (трансфертҳои давлатӣ, фондҳои инвеститсионӣ, фондҳои дастгирии

минтақавӣ, низоми андоз ва ғайраҳо), самаранокии истифодаи онҳо. Проблемаҳои рушди устувору мутавозини минтақаҳо; мониторинги рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаҳо; банди 21. Хусусиятҳои минтақавии амалигардонии сиёсати буҷетӣ-андозӣ. Инкишофи муносибатҳои пулию қарзӣ ва буҷетӣ-андозӣ дар минтақаҳо (категория, методология, усул, механизм ва фишангҳо). Таҳқиқоти мазкур ҳамчунин дар мувофиқа бо Барномаи миёнамуҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2026–2030 иҷро гардидааст.

3. Натиҷаҳои асосии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 10 мақолаҳои илмии муаллиф, аз ҷумла 3 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм тавсия дода шудаанд, нашр гардидаанд ва ҳаҷми умумии корҳои чопгардида оид ба мавзуи таҳқиқшаванда 4,0 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 34-35-уми Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад. Автореферати диссертатсия (гунаи тоҷикӣ ва русӣ) фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошад. Дар диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

4. Хулоса дар кафедраи иқтисодиёт ва соҳибкории Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон қабул гардида, баҳои объективонаи диссертатсияро дар бар гирифта, мусбӣ мебошад.

5. Диссертатсия ба талаботи банди 31-33-и Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшаванда саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

6. Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо таҳлил, озмоиш, дурустии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи диссертатсия ва мақолаҳо собит карда шудааст. Навоварии илмии таҳқиқот дар ғанӣ гардонидани назарияҳо ва консепсияҳои илмӣ оид ба иқтидори андозии минтақа, инчунин коркарди тавсияҳои амалӣ баҳри вусъатдиҳии манбаи андозбандӣ дар ҳудудҳои маъмурӣ, такмили механизми маъмурикунонии андоз дар рушди низоми иҷтимоию иқтисодии ҳудудҳо ифода меёбад.

Хулосаву тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва амалӣ асос ёфтаанд.

Комиссияи экспертӣ диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамовичро дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ баррасӣ намуда, дар асоси банди 60 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ

**ҚАРОР КАРД:**

1. Диссертатсияи Бобоев Фарухзод Маҳкамович дар мавзуи «Вусъатдиҳии иқтидори андоз дар низоми омилҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа (дар асоси маводҳои вилояти Суғд)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз рӯйи ихтисоси 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ ба шурои диссертатсионии 6D.КОА-013 назди Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ-таҳқиқиашон ба 5.2.4. Иқтисодиёти ҳудудӣ мувофиқат доранд, ба ҳайси **муқарризони расмӣ** пешниҳод менамояд:

- Нурализода Эмомалӣ Нуралӣ, доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи молияи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон;
- Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи андоз ва андозбандии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.

3. Ба сифати **муассисаи пешбар** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

4. Барои ҷойгир намудани эълон оид ба ҳимояи диссертатсия дар сомонаҳои Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Исмоилов М.М.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ — Хоҷаева Д.А.

номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ — Саиджонов С.Ш.

«11» июли соли 2026.